ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-051 пешниҳод шудааст.

Айни ҳол таваҷҷуҳ ба соҳаи боғдории субтропикӣ аз ҷумла анорпарварӣ дар Тоҷикистон сол то сол зиёд гаштааст. Тайи солҳои охир шумора ва таъсири осебрасонии зараррасонҳои анор, махсусан боғҳои анори қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ба назар расидаистодааст. Аз ин рӯ, омӯзиши хусусиятҳои биоэкологии ҳашароту канаҳои зараррасон, намудҳои энтомоакарифагҳо ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо аҳаммияти амалӣ дорад.

Мақсади мавзуи диссертатсияи Давлатзода О.М. омӯхтани ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор, хусусиятҳои биоэкологӣ, осебрасонӣ ва паҳншавии онҳо, коркарди чораҳои мубориза бар зидди зараррасонҳо, инчунин муайян намудани намудҳои фоидаовар (энтомоакарифагҳо) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) ба шумор меравад.

Диссертатсияи Давлатзода О.М. актуалӣ буда, дар он бори аввал аз тарафи унвонҷӯ ба таври маҷмуи таркиби намудии ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор муайян карда шуда, хусусиятҳои биоэкологӣ, марҳилаи осебрасонӣ, махсусияти ғизогирӣ ва паҳншавии зараррасонҳои анор дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ омухта шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои бисёрсола (2014-2024) хусусиятҳои биологӣ ва зараррасонии зараррасонҳои асосии анор омӯхта шудааст. Қобили қайд аст, ки унвонҷӯ фенология ва зараррасонии оташаки анор – *Euzophora punicaella* Morr.ва ширинчаи анор – *Aphis punicae* Pass -ро омӯхта, муқаррар кардааст, дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) оташаки анор то 3 ва ширинчаи анор то 14-16 маротиба вобаста аз шароити иқлимӣ насл медиҳанд. Фенологияи ин зараррасонҳо дар шакли ҷадвал пешниҳод гардидаанд, ки ин кори хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Таркиби намудии энтомоакарифагҳо ва нақши баъзе аз намудҳои онҳо дар танзим кардани шумораи ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор аниқ карда шудааст. Рӯйхати таксономии онҳо тартиб дода шуда, ҳамзамон самаранокии усулҳои мубориза – биологӣ, химиявӣ, агротехникӣ ва механикӣ бар зидди зараррасонҳои анор таҳия, коркард ва муайян карда шудааст.

Сохтори диссертатсияи номзадӣ аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, дар ҳаҷми 184 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шудааст. Дар рисола 14 ҷадвал, 27 расм, баррасии адабиёт, мавод ва усулҳои таҳқиқот, таҳқиқоти хусусӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт 160 сарчашмаро дар бар гирифта, аз онҳо 16 манбаи хориҷӣ мебошанд.

Аз натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф маълум мегардад, ки дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ва маълумоти сарчашмаҳои илмӣ дар маҷмуъ 38 намуди зараррасонҳои анор ба қайд гирифта шудааст, ки онҳо аз

лиҳози мавқеи систематикӣ гуногун мебошанд. Аз миёни онҳо ба анор бештар намудҳои зерин осеб мерасонанд: оташаки анор, ширинчаи анор, мевахӯраки себ, кирмаки Комсток, гамбусаки гарданкӯтоҳ, гамбусаки хартумчадори сермӯй, сафедболаки тамоку ва тортанакканаи муқаррарӣ. Ҳамзамон усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳои асосии анор аз ҷониби унвончӯ дар асоси мушоҳида ва таҷрибаҳои гузаронидаи худ аз ҷиҳати илмӣ асоснок пешниҳод гардидааст.

Дар диссертатсия яке аз қисматҳои муҳим ин ошкор кардани марҳилаи зараррасонӣ ва зимистонгузаронӣ мебошад ва ин имконият медиҳад, ки барои сари вақт вобаста ба намуди зараррасон усулҳои мубориза роҳандозӣ карда шавад. Рисолаи номзадии унвончӯ Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология пешниҳод шудааст ҳамчун таҳқиқоти анҷомшуда буда, он дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст.

Мавзуи таҳқиқшуда аз рӯйи мубрамӣ, мақсад, вазифа, ҳаҷми таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштани натиҷаҳои диссертатсия ба Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводҳои илмӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024,№493) ва талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатзода Одинашо Муҳаббат ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология сазовор аст.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои биологӣ,
мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Бобозода И.А.

Суроға:Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Варзоб, деҳаи Ғажне.
Тел.: +992(93) 600-06-77;
E- mail: ilhomjon.77@mail.ru
«08» 11 2026

Имзои И.А. Бобозодаро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Қодирзода С.

Суроғаи муассиса: 733740, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: +992 (37) 224-13-83
WWW.tgpu.tj., E- mail:info@ tgpu
«09» 11 2026